# Чорабинии фарҳангии «Рӯзи Ҷопон» дар Душанбе баргузор гардид

28 марти соли 2026 дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон чорабинии фарҳангии **«Рӯзи Ҷопон»**, ки бо ҳамкории Осорхона Миллӣ баргузор гардид. Тақрибан 1 000 нафар аз ин чорабинӣ дидан карда, дар айёми ҷашни баҳории Наврӯз аз фарҳанги ҷопонӣ баҳравар шуданд.

Дар маросими ифтитоҳи чорабинӣ Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Тоҷикистон, хонум ФУРУТА Кэйко таъкид намуд, ки ин чорабинӣ барои сокинони Тоҷикистон имконияти хубест, то бо фарҳанги асили Ҷопон, ки ҳанӯз на ҳама дар бораи он медонанд, шинос шаванд.

Аз ҷониби Тоҷикистон муовини вазири фарҳанг ҷаноби Сафарзода Давлат ва сардори раёсати кишварҳои Осиё ва Уқёнуси Ором-и Вазорати корҳои хориҷӣ ҷаноби Шералӣ Ҷонон бо суханҳои гарми истиқболӣ баромад карда, хотираҳои худро аз иқомат дар Ҷопон ёдовар шуданд.





Рӯйдоди асосии чорабинӣ намоиши расму оини воқеии маросими чойнушии ҷопонӣ буд, ки бо лексияи кӯтоҳ дар саҳнаи Осорхона ҳамроҳӣ карда шуд. Барои гузаронидани он лектор хонум Кузминова Эрико — устоди маросими чойнушии мактаби «Ура-сэнкэ», ки таърихи зиёда аз панҷсадсола дорад, ва ассистенти ӯ хонум Горбунова Татяна аз Маркази ӯзбеку ҷопонӣ даъват шуданд.



Меҳмонони даъватшуда, аз ҷумла намояндагони ҳукумати Тоҷикистон ва ҳайати дипломатӣ, тавонистанд чойи ҷопониро бо шириниҳо чашанд.





Инчунин, дар саҳна намоиши пӯшидани кимоно — либоси миллии ҷопонӣ баргузор гардид.



Дар минтақаи аксгирӣ (фотозона) бошад, меҳмонон имкон доштанд, ки юката — либоси анъанавии тобистонаи Ҷопонро ба бар кунанд ва дар заминаи манзараҳои Ҷопон акс гиранд. Ин бахш, махсусан дар байни занон, маъруфияти зиёд пайдо кард ва навбатҳои тӯлонӣ ба вуҷуд омаданд.



Дар гӯшаи хаттотии анъанавӣ (каллиграфия) бошад, меҳмонон кӯшиш карданд, ки иероглифҳоро бо мӯйқалам ва ранги махсус (туш) бинависанд.





Минтақаҳои бозиҳои анъанавии ҷопонӣ низ, махсусан дар байни кӯдакон, хеле маъруф буданд. Бо кӯмаки волонтёрони JICA ва донишҷӯёни тоҷик, ки забони ҷопониро меомӯзанд, кӯдакон тавонистанд бозиҳои зеринро анҷом диҳанд:Ва-наге (партофтани ҳалқаҳо), Кен-дама (кураи рӯи даста бо мех), Оте-дама (партофтани халтачаҳои хурд бо лӯбиё ба ҳаво).





Ғайр аз ин, бо мусоидати федератсияҳо ва ассотсиатсияҳои варзишии марбута дар Тоҷикистон, намоишҳои варзишӣ аз намудҳои ҳунарҳои размии ҷопонӣ: дзюдо, каратэ, каратэ-киокушинкай ва айкидо ташкил карда шуданд.





Тибқи назарсанҷии меҳмонон, беш аз 90% пурсидашудагон қайд карданд, ки чорабинӣ дар хотири онҳо таассуроти дурахшон ва фаромӯшнашаванда гузошт. Бисёриҳо таъкид намуданд, ки ин чорабинӣ ба амиқтар шудани фаҳмиши онҳо дар бораи Ҷопон ва фарҳанги он мусоидат кард. Инчунин, хоҳишҳо баён шуданд, ки чунин чорабиниҳои фарҳангӣ тез-тез гузаронида шаванд.

Чорабинии «Рӯзи Ҷопон», сарфи назар аз дурии ҷуғрофии байни кишварҳо, барои сокинони Тоҷикистон имконияти хубе барои шиносоии наздик бо фарҳанги Ҷопон гардид.